“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
_______________академик Имомзода М.С.
“___”______________________2019

# ХУЛОСАИ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ унвонҷӯ Маҷидов Салим Одинаевич дар кафедраи матбуот ба сифати унвонҷӯ ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Роҳбари илмӣ: - Муродов М.Б. - доктори илмҳои филология, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар соли 2019 дода шудааст.

<u>Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:</u>

Диссертатсия дар сатҳи илмӣ-назариявӣ навишта шуда, бартарии кори мазкур дар масъалагузории далелнок ифода ёфтааст. Дар диссертатсия хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Тоҷӣ Усмон аз ҷумлаи адибону публитсистонест, ки солҳои сиюми асри гузашта бо нигоштаҳои иҷтимоғароёнаи худ ба матбуот ва адабиёт ворид гардида, бо ҳамроҳии Ҳаким Карим, Муҳиддин Аминзода, Алӣ Хуш, Ҳоҷӣ Содиқ, Раҳим Ҷалил ва дигарон кору фаъолият намудааст. Фаъолият дар матбуоти даврӣ боис гардида, ки Тоҷӣ Усмон дар баробари иҷрои вазифаи рӯзноманигорӣ ба эҷоди асарҳои публитсистӣ даст занад, лавҳаву очерк

ва ҳаҷвияҳои зиёдеро рӯйи чоп оварад, ба ҷамъоварӣ ва таҳқиқи осори ҳаҷвӣ ва рӯзгору осори адибаҳои тоҷик машғул шавад. Натиҷаи эҷоди публитсистӣ ва илмиву бадеии ӯ дар чандин маҷмӯаҳо, аз ҷумла «Кашфи асрор», «Ганҷинаи шеъри тоҷикӣ, «Ханда ва истеҳзо», «Шоираҳои боистеъдод», «Шоира Маҳастӣ», «Духтари ниқобдор», «Лаънаткардаи халқ» интишор гардидааст.

Тоҷӣ Усмон аз аввалин эҷодкоронест, ки ба омӯзиши шоирони бонуи тоҷик машғул шуда, осори онҳоро гирдоварӣ ва мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар замони истиқлолият, ки барои омӯхтани хизматҳои арзишманди саромадону поягузорони матбуот ва публитсистикаи муосири тоҷик шароит фароҳам омадааст, ба таҳқиқи илми кашидани фаъолияти рӯзноманигориву публитсистӣ ва илмиву адабии Тоҷӣ Усмон аз аҳаммият холӣ нест.

Ҳадаф аз таҳқиқи рисола баррасии амиқу муфассали зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Тоҷӣ Усмон, нишон додани хусусияти осори публитсистии ӯ, мавқеи очерк дар эҷодиёти нависанда, қобилият ва маҳорати нигорандагии адиб мебошад.

Дар заминаи ҷустуҷӯҳои илмӣ вазифаҳои зерин иҷро гардидаанд:

– муҳити иҷтимоии замон, зиндагӣ ва муносибати Т. Усмон ба ҷомеа, хоса аҳли илму адаб нишон дода шудаанд;
– осори адабиву публитсистии Т. Усмон тавсифи умумӣ карда шудааст;
– хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии очеркҳои публитсистии адиб таҳлил ва баррасӣ гардидааст;
– тасвири чеҳраҳои адабӣ дар осори Т. Усмон муайян карда шудааст;
– инъикоси воқеияти иҷтимоии замон дар очеркҳо ва арзишҳои эҷодии онҳо нишон дода шудааст;
– бо усули таҳлили муқоисавӣ вижагиҳои публитсистикаи ҳаҷвии адиб муайян гардидааст;

– маърифати иҷтимоӣ ва касбии адиб ва маҳорати нигорандагии ӯ дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ нишон дода шудааст.

Навгонии илмӣ ва тадқиқотии рисола бо он собит мешавад, ки дар дар хусуси Тоҷӣ Усмон ва сарнавишти ӯ ҳарчанд дар адабиёт ва танқиди адабӣ таълифоти нисбии гуногуне ба анҷом расидааст, аммо бевосита асарҳои адиб аз нигоҳи публитсистикашиносӣ мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Мавзӯи мазкур бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳамчунин навгонии илмии ин рисола бо он муайян карда мешавад, ки дар ин рисола осори Тоҷӣ Усмон на аз нигоҳи мавзӯву муҳтаво, хусусияти жанрӣ, корбасти аносири бадеӣ, образофарӣ, конфликтсозӣ, симосозӣ ва амсоли он, балки пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари ҳадафи эҷодӣ, замон ва воқеият, ҳақиқати таърихӣ, муносибати муаллиф ба вокеаҳо таҳқиқ шудааст. Яъне ҳадаф на адабиёти бадеӣ, балки публитсистика аст.

Омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаи публитсистикаи Тоҷӣ Усмон ба тарбияи эҷодкорони ҷавон заминаи воқеӣ гузошта метавонад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия домани таҳқиқ мушаххас, мавзӯъ гуногунпаҳлӯ ва маҳсули эҷоди адиб тибқи талаботи кори илмӣ ба роҳ монда шудааст. Диссертатсия дар ин ҷода маълумоти фаровони тозаро дар худ ҷой додааст.

Аз ин сабаб натиҷаи таҳқиқ, хулосаҳои илмӣ, тавсияву пешниҳодҳо, ки дар рисола доир ба ҷанбаҳои гуногуни масъали мавриди омӯзиш ҳосил шудааст, на танҳо аҳамияти назарӣ, балки арзиши таърихию тарбиявӣ дошта,ҳамчун маводи таълимӣ барои донишҷӯёни соҳаи журналистика, барои омӯзиш ва кӯмак ба фаъолияти амалии журналистони оянда аҳамияти хоса дорад. Ҳамзамон маводи рисола метавонад барои боло бурдани касбияти журналистони имрӯзи бахши матбуоти кӯдакон ва наврасон ва муҳаққиқони соҳа ёрии амалӣ расонад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои донишгоҳӣ (солҳои 2015 - 2019) баён гаштаанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар 7

мақолаи муаллиф инъикос гардидааст, ки аз инҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, ба табъ расидааст:

1. Салимов, М. Мақоми очерк дар эҷодиёти Тоҷӣ Усмон / М. Салимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–Душанбе: Сино, 2016.– №4/5 (209). – С. 239-243.
2. Салимов, М. Тоҷӣ Усмон-адиби публитсист / М. Салимов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2016. – №39 (243).– С. 139
3. Салимов, М. Нақши Тоҷӣ Усмон дар таҳияи осори адибаҳои тоҷик / М. Салимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–Душанбе: Сино, 2017. – №4/5. – С. 273-277.

Диссертатсияи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология азрӯйи ихтисоси 10.01.10- журналистика тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар ҷаласа 19 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 19 нафар, “зид” ва “бетараф” нест.

Қарор № 15, аз 14 июни соли 2019.

И. в. мудири кафедраи матбуот,
дотсент Кӯчарова Н. А.

Котиб, номзади илмҳои филология,
дотсент Мухторӣ Қ.

“Тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

Суроға:
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
www.tnu.tj тел: (+992)8342264715